«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон,
________проф.Хоҷазода Т. А.
«__12__» ____май____ 2020

**Тақризи**

**ташкилоти тақриздиҳанда – кафедраи “Таърихи ватанӣ”-и факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи Мирзоев Ҷ. А. дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. - 212 с.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D-КОА-005-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои гирифтани тақризи берунӣ ба Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи “Таърихи ватанӣ”-и факултети таърихи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ - Артыков А.А., мудири кафедра, н.и.т., дотсент, Маликов М.Х. д.и.т., профессор, Муҳиддинов С.Р. д.и.т., профессор, Акрамӣ З.И. д.и.т., профессор, Абдулвоҳидов Р.М. н.и.т., дотсент, Ҷамолова М.К. н.и.т., дотсент, Матвеева Н.В. н.и.т., дотсент, Раҳматова З.Ю. н.и.т., дотсент, Пирумшоев М.Х. н.и.т., дотсент, Ғаффоров Б.В. н.и.т., дотсент, Нурова Х. н.и.т., Мусоев Б.З. муаллими калон, Аллоева Х.Х. муаллими калон, Русин А.О. муаллим, иштирок намуданд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Маликов М. ва номзадҳои илми таърих, дотсентон

Абдулвоҳидов Р.М., Ҷамолова М.К. таҳия ва омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Мирзоев Ҷ.А. ба мавзӯи хеле муҳим бахшида шуда, маълумоти нав ва ҷолибро доир ба таърихнигории таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол фаро мегирад.

Бояд зикр кард, ки дар охири асри XX-ибтидои асри XXI дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои нави ҳокимият пардохт. Соҳаи илму маориф, аз ҷумла илми таърихнигориро низ дигаргуниҳои куллӣ фаро гирифтанд. Акнун муҳаққиқон ба сиёсати пешгирифтаи давлати соҳибистиқлол такя намуда, имкон пайдо карданд, ки бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи Ватану миллати хешро ҳақиқатнигорона инъикос намоянд. Муаррихони замони истиқлолият дар ҳошияи асарҳои таърихии Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як миқдор корҳои воқеан илмиро ба анҷом расониданд, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар доираи ин адабиёти илмии ба чопрасидабуда, ҳадафи он таҳлили таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар тӯли солҳои 1991-2016 маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки сохтори диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он муайян шудааст, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзӯъ мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор таъкид мешавад, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Дар рисола муаллиф таснифи илмии адабиёти истифодашударо хеле ба маврид нишон додааст, ки далели ба пуррагӣ омӯхта шудани ин

мавзӯъро собит месозад. Мавриди тазаккур аст, ки диссертант ҳангоми таҳқиқот дар рисолаи мазкур микдори зиёди адабиёти илмиро бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ истифода кардааст.

**Боби якуми диссертатсия – “Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб таълифоте, ки ба масоили умдаи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли ба даст омадани Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеаҳои феврали соли 1990, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва рушди минбаъдаи сиёсии кишвар дар даҳсолаҳои аввали асри XXI бахшида шудаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби аввал – “Таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** масоили дар партави сиёсати ҷадиди давлати шӯравӣ – сиёсати бозсозӣ раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, марҳалаҳои асосии ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва инъикоси он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, қабл аз ҳама дар гузоришу баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон ҳизбу созмонҳои нав арзи вуҷуд карданд, ки дар воқеаҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX нақши умдатарин доштанд. Андешаҳои ӯ, бахусус, дар мавриди нерӯҳои ба ном “демократӣ”-и Тоҷикистон хеле ҷолибанд. Ӯ ҳизби ба ном «демократӣ»-и Тоҷикистонро, ки ягон принсипи демократияро боре ҳам риоя накардааст ва ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии ҷомеа ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) гунаҳкори асосӣ медонад. Ба ақидаи унвонҷӯ ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

гарчанде, ки дар ибтидои фаъолияти хеш мақсади ниҳоии худро ошкоро изҳор намедошт, рӯшан буд, ки таъсис додани давлати исломиро пайгирӣ менамуд ва ин дар ҳоле, ки аксари кули аъзоёни ин ҳизб ба моҳияти аслии ислом ва қавоиди шариат хуб сарфаҳм намерафтанд.

Илова бар ин, муаллиф дар ин зербоб инъикоси воқеаҳои феврали соли 1990, сабабҳо ва оқибатҳои он, инчунин қабули Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар санаи 24 августи соли 1990, ки марҳилаи навбатӣ дар роҳи ба даст даровардани Истиқлолияти комили давлатӣ маҳсуб меёбад, дар адабиёти илмӣ, ба тариқи густурда таҳлил намудааст. Ба назари ӯ, истиқлолият беҳтарин неъмат ва гаронмоятарин арзиш барои ҳар давлату миллат буда, омили аслии рушду тараққӣ ва заминасози ҳузур дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф қайд менамояд, ки истиқлолияте, ки орзуи ҳамешагии ҳар миллати озода аст, маҳз бо қабули Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар санаи 9 сентябри соли 1991 ба миллати тоҷик насиб гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

**Дар зербоби дуюми боби аввал – "Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ"** инъикоси масоили заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997), давраҳои асосӣ, рафт ва оқибатҳои мудҳиши он дар тарихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки роҷеъ ба инъикоси воқеоти сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии солҳои 90-уми асри XX, аз ҷониби муаррихон, сиёсатмадорон, журналистон, ҳуқуқшиносон ва умуман аҳли илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифоти зиёде ба табъ расидааст, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошанд. Дар байни онҳо, махсусан асарҳое, ки ба инъикоси саҳифаҳои мудҳиши таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол – ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) бахшида шудаанд, мавқеи муҳим доранд. Унвонҷӯ дар мавриди

сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, бо дарназардошти маълумоти адабиёти илмии мавҷуда ду омил – дохилӣ ва беруниро ҷудо менамояд. Ӯ дахолати мустақими ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро ба низоми идории давлат ва кӯшиши онҳоро ҷиҳати табдил додани низоми давлатдории дунявӣ ба динӣ яке аз сабабҳои дохилии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) арзёбӣ кардааст.

Муаллифи рисола дар ин зербоб инъикоси яке аз воқеаҳои муҳиммеро, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваста, дар рафти он дигаргунии амиқ ворид намуда буд ва ба таърихи давлатдории навини тоҷикон ибтидо гузошт, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ тадқиқу баррасӣ намудааст. Ин иҷлосияи тақдирсоз дар таърихи 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ сурат гирифта, самтҳои асосии рушди ҷомеаро дар оянда муайян кард. Ба ақидаи муаллиф иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Қариб тамоми сохторҳои давлати навини тоҷикон маҳз аз ин иҷлосия сарчашма мегиранд. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсози иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, теъдоди зиёди муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир намудаанд. Роҷеъ ба иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти таърихии он шумораи зиёди китобҳо ва мақолаҳо ба табъ расидаанд. Муаллифони аксари онҳо иштирокчиёни бевоситаи иҷлосия буда, лаҳзаҳои мушаххаси воқеаҳои иҷлосияро баррасӣ намудаанд.

Дастоварди муҳимми унвонҷӯ зимни тадқиқи ҷанги шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тавонистааст бори аввал ҷанги шаҳрвандиро даврабандӣ намояд.

Пас аз таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) муаллиф ба хулосае меояд, ки сарфи назар аз таҳқиқоти фаровон дар ин самт, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин рӯйдоди

мудҳиши сиёсӣ-низомӣ, ки ҷони ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониёнро ба гирдоби фано кашида буд, чандон равшан нест ва ҷиҳати баркарор намудани ин саҳифаҳои нангин дар таърихи халқи тоҷик муҳаққиқонро заҳмати бепоён ва таҳқиқоти фаровон дар пеш аст.

**Зербоби сеюми боби аввал – "Тадқиқи масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон"** ба тадқиқ ва таҳлили инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, даврҳои асосии гуфтушуниди миёни тоҷикон, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, таҳавулоти сиёсии давраи рушд дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст.

Воқеан яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар солҳои 90-уми асри XX диққати муаррихон ва умуман аҳли ҷамоаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда буд, раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994 – 1997 ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муаллифи рисола ин раванд пеш аз ҳама аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки нахустин таҷрибаест дар таърихи ҷаҳонӣ, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ширкати давлатҳои кафили минтақа бомуваффақиятона анҷом пазируфтааст. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки раванди ноил гардидан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бунёди шароитҳои мусоид баҳри мӯътадил гардонидани авзои сиёсии ҷомеъа, аз ҷумлаи мавзӯоте буданд, ки таваҷҷӯҳи олимони ҷабҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва соири муаллифонеро, ки дар таҳқиқи масоили ризоияти миллӣ ва сулҳ - ҳамчун падидаи демократикунонии ҷомеъа саҳм гирифтаанд, ба худ ҷалб карда буд. Муаллифи рисола дар ин зербоб тавонистааст, ки дуруст масъалагузорӣ карда, инъикоси ин масоил, аз қабили раванди гуфтушуниди тоҷикон, нақши роҳбари давлат дар ин раванд, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, инъикоси сабақҳои таърихӣ ва аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷиконро дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор диҳад. Ӯ барҳақ ба хулосае омадааст, ки раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти

миллӣ дар Тоҷикистон ва марҳилаи хотимавии он - амалигардонии шартномаҳои ноилгардида, дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад.

**Боби дуюми диссертатсия – "Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ"** аз се зербоб таркиб ёфта, ба таҳлили таърихнигории адабиёти дар ин самт таълифгардида бахшида шудааст. Дар он муаллиф таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки ҷиҳати инъикоси самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, авлавиятҳои он, ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои бонуфузи байнахалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии босамари сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ба анҷом расидаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор дода, дар ин замина саҳми асосгузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, инчунин мушкилот ва дурнамои равобити байналмиллалии кишварро мушаххас намудааст.

**Дар зербоби якуми боби дуюм – "Таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ"** масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия дар адабиёти таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант ба хулосае омадааст, ки сарфи назар аз он, ки оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳуҷҷат ва қарордодҳо хеле зиёданд, ташаккул ва рушди муносибатҳои хориҷӣ дар адабиёти таърихии ватанӣ нокифоя инъикос ёфтааст. Таълифоти маҷмӯию ҷамъбастӣ оид ба ин масъала ҳанӯз рӯйи кор наомадааст. Бо вуҷуди он, дар таълифоти мавҷуда паҳлуҳои алоҳидаи муносибатҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд.

Унвонҷӯ барҳақ қайд менамояд, ки таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз афзалияти

ҳамкориҳои фароху домангустурда бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар тадқиқоти олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ”** масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла СММ, САҲА ва СҲШ дар тадқиқоти муҳаққиқон ва коршиносон таҷассум ёфтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки аз 2 марти соли 1992 ибтидо мегирад, сол то сол дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад.

Ба андешаи унвонҷӯ масоили муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар илми таърихнигории тоҷик ба таври ноқис инъикос гардидааст. То кунун масоили мазкур объекти таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ қарор нагирифтааст. Танҳо мақолаҳои ҷудогона, ки дар онҳо ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти амнияти минтақавӣ таҳқиқ гардидаанд, рӯйи кор омадаанд.

Созмони дигари ҷаҳонӣ, ки унвонҷӯ инъикоси ҳамкории Тоҷикистонро бо ин созмон мавриди тадқиқ қарор додааст, Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) мебошад. Ба ақидаи ӯ СҲШ созмони муҳимми минтақавию ҷаҳонӣ буда, аз лиҳози вусъати қаламрав ва гуногунии забону фарҳангу тамаддун яке аз созмонҳои нодир ба шумор меравад ва айни замон дар минтақа ва ҷаҳон нуфузу эътибори бузурге дорад.

Муаллиф муътақид аст, ки дар ибтидои ҳазорсолаи нав панҷ давлати Осиёи Марказӣ ва Россия дар доираи СҲШ тамсилаи муносибатҳои байналхалқии ба принсипҳои боварӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳусни тафоҳум асосёфтаро бунёд намуданд ва тадриҷан аз танзими масоили марзӣ ба баррасии муштараки масоили амниятӣ, иқтисодӣ ва ҳамкории фарҳангӣ гузаштанд, ки дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳадалимкон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти марбут ба сиёсати хориҷӣ, диссертант ба хулосае омадааст, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд.

**Зербоби сеюми боби дуюм – «Масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI”** ба тадқиқи масоили инъикоси роҳандозии сиёсати минтақавӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ мебошад, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва кишварҳои форсизабони минтақа – Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, инчунин бо Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия ва бо Ҳиндустон амалӣ месозад.

**Хулосаи рисола** (с. 165-169) ҳосили андӯхтаву таҳқиқоти муаллиф перомуни инъикоси истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушуниди тоҷикон, ризоияти миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, бо далеҳои қатъӣ ва раднашаванда баён ёфтааст.

Ҳамин тавр, рисолаи Мирзоев Ҷ.А. як таҳқиқоти муваффақ, бaанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то поён бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ бунёд ниҳода шудааст. Автореферат ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқ буда, дар он аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, заминаи методологии тадқиқот, заминаи назариявии тадқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, муқарраротҳ асосии диссертатсия, аҳамияти

амалии омӯзиш, санҷиши натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати нашрияҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд.

Рисолаи мазкур аз камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки муҳимтарини он инҳоянд:

1. Гарчанде ки боби якум - "Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ" ва боби дуюми диссертатсия "Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ"номгузорӣ шуда бошад ҳам, муаллиф хеле кам адабиёти хориҷиро мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор додааст.
2. Сарчашма ва адабиётҳои истифодашуда васеъ таҳлил ва инъикос нашудааст.
3. Доир ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ мақолаҳои зиёд аз ҷониби рузноманигорони Федератсияи Россия интишор шуда буд. Аммо унвонҷӯ дар тадқиқоти худ маводҳои рӯзномаҳои давриеро, ки бевосита ба он воқеаҳо бахшида шуда буданд, кам истифода намудаст.
4. Дар рисола, баъзан такрори матлаб, инчунин баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо сарфи назар аз мавҷудияти ин гуна камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, таҳқиқоти мазкур кори пухтаву мукаммал буда, дар рафти ҳалли вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда як қатор нақтаҳои назариявие таҳия карда шудааст, ки онҳоро дар маҷмӯъ ҳамчун дастоварди илмии диссертант қаламдод кардан мумкин аст. Мундариҷаи диссертатсия бар асоси меъёру муқарраротн таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Мирзоев Ҷурабек Абдулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи “Таърихи ватанӣ”- и факултети таърих ва муносибат□ои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон санаи 29-уми апрели соли 2020 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 14 нафар;

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 8 аз 29 апрели соли 2020.

**Раискунанда, мудири кафедраи “Таърихи ватанӣ”-и факултети таърих ва муносибатхои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих** **Артыков А.А.**

**Ташхисгар, профессори кафедраи “Таърихи ватанӣ”- и факултети таърих ва муносибатхои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих** **Маликов М.**

**Котиби ҷаласа, мудири кабинети “Таърихи ватанӣ”- и факултети таърих ва муносибатхои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Маҳкамова С.Г.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Алиев А.**

**Маълумот барои тамос:**
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30